**"Тасдиқ шудааст"**
Бо Қарори Маҷлиси умумии
саҳмдорони ҶСП ТАҚХ "Ҳумо"
аз "30" октябри соли 2023
тибқи Пайнавишти №7

Раиси Шӯрои Нозирон _______________ Арнауд Вентура /Arnaud Ventura/

# ОИННОМАИ ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ ПӮШИДАИ ТАШКИЛОТИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРДИ "ҲУМО"

**Душанбе – 2023 сол**

# Мундариҷа

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ....3
2. МАҚСАД ВА НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ҶАМЪИЯТ....4
3. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ҶАМЪИЯТ....5
4. ФИЛИАЛ, НАМОЯНДАГӢ ВА ДИГАР ВОҲИДҲОИ СОХТОРИИ ҶАМЪИЯТ....6
5. САҲМИЯҲОИ ҶАМЪИЯТ ВА ҲУҚУҚҲОИ САҲМДОРОН....7
6. ФЕҲРИСТИ САҲМДОРОНИ ҶАМЪИЯТ....8
7. САРМОЯИ ОИННОМАВӢ....9
8. ТАРТИБИ БЕГОНАКУНИИ САҲМИЯҲОИ ҶАМЪИЯТ....10
9. ИДОРАКУНИИ ҶАМЪИЯТ....11
10. МАҶЛИСИ УМУМИИ САҲМДОРОН....11
11. ШӮРОИ НОЗИРОН....14
12. МАҚОМИ ИҶРОИЯИ ҶАМЪИЯТ....17
13. КУМИТАИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ИСЛОМӢ....20
14. БАҲИСОБГИРӢ ВА ҲИСОБОТДИҲӢ НИГОҲДОРИИ ҲУҶҶАТҲОИ ҶАМЪИЯТ....22
15. СУДИ САҲМИЯҲО....22
16. ФОНДҲОИ ҶАМЪИЯТ....22
17. НАЗОРАТ АЗ БОЛОИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИДОРИИ ҶАМЪИЯТ....23
18. АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ҶАМЪИЯТ....24
19. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ....24

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо", (минбаъд – "Ҷамъият"), мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд", дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин бо Қарори иштирокчии ягона №17 аз "02" августи соли 2013, ба тариқи табдилдиҳии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти қарзии хурди "Ҳумо ва партнёрҳо" ба Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" таъсис дода шудааст.

1.2. Ҷамъият вориси ҳуқуқии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти қарзии хурди "Ҳумо ва партнёрҳо" оид ба ҳамаи ҳуқуқу уҳдадориҳои он мебошад.

1.3. Ҷамъият аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он таъсисшуда ба ҳисоб меравад. Ҷамъият дар фаъолияти худ аз рӯи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Оинномаи мазкур амал менамояд.

1.4. Ҷамъият шахси ҳуқуқии мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсисёфта буда, дар ихтиёри худ молу мулки алоҳида дорад, ки дар тавозуни мустақили он ба ҳисоб гирифта мешавад, аз рӯи уҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайри молумулкиро ба даст оварда татбиқ намояд, уҳдадорӣ қабул кунад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад. Ҷамъият дорои тавозуни мустақил, ҳисобҳои бонкӣ, аз ҷумла ҳисобҳо бо асъори хориҷӣ, муҳри мудаввар, штамп, бланкаҳои фирмавӣ ва нишони молӣ мебошад. Ҷамъият аз рӯйи уҳдадориҳои Саҳмдорони худ масъулият ба зимма надорад.

1.5. Саҳмдорони Ҷамъият (минбаъд - "Саҳмдорон") шахсоне мебошанд, ки дар Феҳристи саҳмдорон, ки аз ҷониби Ҷамъият мустақилона пеш бурда мешавад, дарҷ гардидаанд.

1.6. Мувофиқи моддаи 109 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" ҳуҷҷати таъсисии Ҷамъият ин Оинномаи Ҷамъият мебошад.

1.7. Номи расмии Ҷамъият:

Номи пурраи Ҷамъият:

- бо забони тоҷикӣ: Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо";
- бо забони русӣ: Закрытое акционерное общество "Микрокредитная депозитная организация "Хумо";
- бо забони англисӣ: Closed Joint Stock Company Microcredit Deposit Organization "Humo".

Номи мухтасари Ҷамъият:

- бо забони тоҷикӣ: ҶСП ТАҚХ "Ҳумо";
- бо забони русӣ: ЗАО МДО "Хумо";
- бо забони англисӣ: CJSC MDO "Humo".

1.8. Суроғаи ҳуқуқӣ ва маҳалли ҷойгиршавии Ҷамъият: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 148/1.

## 2. МАҚСАД ВА НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ҶАМЪИЯТ

2.1. Ҷамъият шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ буда, бо мақсади ба амал баровардани фаъолияти қарзӣ барои ба даст овардани фоида мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

2.2. Намуди асосии фаъолияти Ҷамъият фаъолияти қарзии хурд мебошад.

2.3. Барои ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда Ҷамъият, дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон, ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиётҳои маблағгузории хурди зеринро анҷом медиҳад:

- ҷалби амонат ва пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- додани қарзи хурд (таъминшуда ва таъминнашуда);
- кушодану пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;
- интиқоли маблағҳои пулӣ бо фармоиши муштариён;
- додани кафолат;
- қарордодҳои форвардӣ ва своп барои худ;
- амалиёти кассавӣ;
- амалиёти ҳисоббаробаркунӣ ва мубодилавӣ;
- барориши кортҳои пардохтии бонкӣ ва амалиёт бо онҳо.

2.4. Ҷамъият дар доираи фаъолияти маблағгузории хурд ҳуқуқ дорад:

- танҳо ба фаъолияти пешбининамудаи қонунгузорӣ ва иҷозатнома машғул шавад;
- саҳмияҳои худро мутобиқи қонунигузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ба даст орад;
- маблағҳои озоди худро дар ташкилотҳои қарзӣ ҷойгир намояд;
- тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи андозаи қарзи хурд ба иҷораи молиявӣ (лизинг) машғул шавад, ҳамчунин аз ташкилотҳои қарзӣ, шахсони воқеию ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ қарз гирад;
- ба муштариёни худ хизматрасонии машваратӣ ва иттилоотӣ расонад;
- бо асъори хориҷӣ қарз диҳад;
- фаъолияти бонкии исломиро тибқи иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон анҷом диҳад.

2.5. Ҷамъият дар доираи фаъолияти маблағгузории хурд ҳуқуқ надорад:

- ба фаъолияте, ки қонунгузорӣ ва ё иҷозатнома пешбинӣ накардааст, машғул шавад;
- ба шахсони дигар барои баровардани қоғазҳои қимматноки худ қарз диҳад;
- таҳти гарави саҳмияҳои худ қарз диҳад, аз ҷумла қарзе, ки аз иҷрои ҳар гуна ӯҳдадорӣ бармеояд;
- дар бозори қоғазҳои қимматнок фаъолияти касбиро анҷом диҳад;
- ба фаъолияти истеҳсолӣ, савдо ва суғурта машғул шавад;
- соҳиби молу мулки ғайриманқул гардад, ба истиснои молу мулки ғайриманқуле, ки барои таъмини фаъолияти худ ва эҳтиёҷоти иҷтимоии кормандон, аз ҷумла таъмини онҳо ба манзил зарур аст.

2.6. Ҷамъият уҳдадор аст молу мулки ғайриманқулеро, ки дар рафти гузаронидани амалиёти маблағгузории хурд ба даст овардааст, ҳангоми зарар надидан дар муддати се моҳ ва дар дигар ҳолатҳо дар муддати на дертар аз ду соли баъди ба даст овардани он фурӯшад.

## 3. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ҶАМЪИЯТ

3.1. Ҷамъият шахси ҳуқуқии мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсисдошуда мебошад. Вазъи ҳуқуқии Ҷамъият мутобиқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

3.2. Барои ноил гаштан ба мақсадҳои гузошташуда Ҷамъият ҳуқуқ дорад аз номи худ аҳдномаҳо бандад, ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст даровcovарда, онҳоро амалӣ намояд, уҳдадориро ба зимма гирифта, дар суд ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар баромад намояд.

3.3. Ҷамъият дорои тавозуни мустақил буда, дар асоси ҳисоби пурраи тиҷоратӣ, худмаблағгузорӣ ва худтаъминкунӣ фаъолият менамояд.

3.4. Ҷамъият аз рӯи уҳдадориҳои худ бо тамоми молу мулкаш ҷавобгар мебошад. Саҳмдорони Ҷамъият аз рӯи уҳдадориҳои Ҷамъият ҷавобгар набуда, таваккали зарарро аз фаъолияти Ҷамъият танҳо дар ҳаҷми арзиши саҳмияҳои ба онҳо тааллуқдошта ба зимма доранд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки амал, беамалӣ, қарори Саҳмдорон ё чунин амали шахсони бонуфузи Саҳмдорон боиси муфлисшавии Ҷамъият гардидаанд ва дар ин ҳолат Саҳмдорон дар сурати нокифоя будани молу мулки Ҷамъият барои қонеъ гардонидани талаботи ҳамаи кредиторон масъулият доранд. Саҳмдоре, ки арзиши саҳмияҳоро пурра напардохтааст, аз рӯйи уҳдадориҳои Ҷамъият дар доираи арзиши пардохтнашудаи саҳмияҳояш масъулияти муштарак дорад. Давлат аз рӯи уҳдадориҳои Ҷамъият ва Ҷамъият аз рӯи уҳдадориҳои давлат, инчунин Саҳмдорони Ҷамъият, ҷавобгар намебошад.

3.5. Барои ба амал баровардани мақсад ва матлаби фаъолияти худ Ҷамъият дар доираи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад:

- дар асоси шартномаҳо қарзҳои бонкӣ гирад;
- ҳуқуқи моликият бо амволи манқул ва ғайриманкул ва дигар ҳуқуқҳои ашёӣ дошта бошад;
- мустақилона, вобаста аз маблағҳои мавҷудбуда, низом, шакл ва ҳаҷми музди меҳнати кормандонро муқаррар намояд;
- дар ҳудуди Ҷумхурии Тоҷикистон филиалҳо таъсис диҳад, намояндагиҳо кушояд ва воҳидҳои дигари сохториро таъсис диҳад;
- ҳуқуқи доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ намудани моликияти Ҷамъиятро, аз он ҷумла филиалҳо, намояндагиҳо ва воҳидҳои дигари сохторӣ, ки Ҷамъият созмон додаст амалӣ намояд, онро фурӯшад, иваз намояд, ба иҷора диҳад, ба истифодаи муваққатӣ диҳад, инчунин, ҳангоми корношоям шуданашон аз тавозун хориҷ намояд;

- нақшаҳои ҷорӣ ва пешравро мустақилона коркард ва қабул намуда, самтҳои истифодабарии фоида, ки дар ихтиёри Ҷамъият вуҷуд дорад, муқаррар намояд;
- бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ таъсис диҳад ва ё дар онҳо чун иштирокчӣ (муассис, саҳмдор) иштирок намояд.

3.6. Ҷамъият суратҳисобҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар хориҷа, муҳри гирда бо номи пурраи худ, муҳри кунҷӣ, бланкҳои фирмавӣ ва дигар реквизитҳо дошта метавонад.

## 4. ФИЛИАЛ, НАМОЯНДАГӢ ВА ДИГАР ВОҲИДҲОИ СОХТОРИИ ҶАМЪИЯТ

4.1. Ҷамъият ҳуқуқ дорад дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон филиалҳои худро, аз ҷумла дар шакли Равзанаи бонкии исломӣ таъсис диҳад ва намояндагиҳо кушояд. Филиалҳо ва намояндагиҳои Ҷамъият дар асоси низомномаи тасдиқкардаи Ҷамъият амал менамоянд. Ҷамъият роҳбарони филиалҳо ва намояндагиҳоро таъин мекунад ва онҳо дар асоси ваколатнома амал мекунанд.

4.2. Ҷамъият ва филиалҳои он барои иҷрои амалиёти алоҳида метавонанд берун аз маҳалли ҷойгиршавии худ воҳидҳои дигари сохтори – марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд, нуқтаҳои мубодилаи асъор, нуқтаҳои интиқоли пул ва воҳидҳои сайёр (минбаъд Воҳидҳои сохторӣ)-ро таъсис диҳанд.

4.3. Тартиби таъсиси Воҳидҳои сохтории мазкур ва номгӯи амалиёти аз ҷониби онҳо иҷрошаванда бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

4.4. Ҷамъият филиалҳои зеринро доро мебошад;

- Филиали №1-и Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" дар шаҳри Бохтар;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" дар шаҳри Хуҷанд;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" дар шаҳри Кӯлоб;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" дар шаҳри Турсунзода;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" дар шаҳри Ваҳдат;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" дар шаҳри Данғара;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" дар шаҳри Истаравшан;

- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо” дар шаҳри Исфара;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо” дар ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо” дар ноҳияи Шаҳритуз;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо” дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо” дар ноҳияи Ёвон;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо” дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо” дар ноҳияи Спитамен;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо” дар шаҳри Ҳисор;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо” дар ноҳияи Ҷайхун;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо” дар ноҳияи Вахш;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо” дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо” дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе;
- Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо” дар шаҳри Панҷакент;
- Равзанаи бонкии исломӣ - Филиали Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо” дар шаҳри Душанбе, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон амалиёти бонкии исломиро амалӣ менамояд;
- Филиали №2-и Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ҳумо” дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе.

4.5. Филиалҳои Ҷамъият дар шаҳру ноҳияҳо ва нуқтаҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба амал мебароранд.

## 5. САҲМИЯҲОИ ҶАМЪИЯТ ВА ҲУҚУҚҲОИ САҲМДОРОН

5.1. Ҷамъият саҳмияҳои оддии номӣ мебарорад, ки ҳар яки он дорои арзиши номиналии 1 000.00 (як ҳазор) сомонӣ мебошад. Саҳмияҳои баровардаи Ҷамъият дар шакли ғайриҳуҷҷатӣ буда, байни Саҳмдорон тақсим карда шудаанд.

5.2. Саҳмияи оддӣ саҳмияи овоздор буда, ба соҳиби он ҳуқуқи овоз доданро дар қабули қароре, ки ба овоздиҳӣ гузошта шудааст, медиҳад.

5.3. Саҳмдор шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад, ки ба ҳамаи меъёрҳои зерин ҷавобгӯ аст:

- соҳиби на камтар аз як саҳмияи Ҷамъият мебошад;
- дар Феҳристи саҳмдорони Ҷамъият ба қайд гирифта шудааст.

5.4. Саҳмдорони Ҷамъият ҳуқуқ доранд:

- ба гирифтани суди саҳмияҳо аз фаъолияти Ҷамъият;
- ба гирифтани қисми молу мулки Ҷамъият, ки баъд аз барҳамдиҳии он боқӣ мондааст, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба иштирок бо ҳуқуқи овоздиҳӣ дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳангоми ҳалли ҳамаи масъалаҳое, ки барои овоздиҳӣ пешниҳод мешаванд;
- бо тартиби судӣ ҳуқуқҳои худро ҳифз намояд, ба суд барои ҳифзи манфиатҳои худ ва манфиатҳои Ҷамъият оид ба аҳдҳо, ки дар бастани онҳо манфиати шахсони дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" пешбинигардида вуҷуд дорад, муроҷиат намояд;
- ба гирифтани иттилоот оид ба фаъолияти Ҷамъият тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба ҳуқуқи афзалиятноки хариди саҳмияҳо;
- ҳуқуқҳои дигаре, ки бо қонунгузории ҶТ ва Оинномаи мазкур пешбинӣ шудаанд, ба амал барорад.

5.5. Ҳуқуқи Саҳмдор оид ба гирифтани иттилоот дар бораи фаъолияти Ҷамъият, ки дар сархати панҷуми банди 5.4. Оинномаи мазкур пешбинӣ гардидааст, инчунин бо воситаи ба Саҳмдор тайёр намудан ва пешниҳод намудани маълумотҳои зерин амалӣ мешавад:

- ҳисоботи молиявии семоҳа, аз ҷумла ҳисоботи тавозунӣ ва ҳисобот оиди даромад ва хароҷот;
- ҳисоботи идоракунии семоҳа дар шакли бо Саҳмдори Ҷамъият мувофиқакунонидашуда, дар муддати 30 (сӣ) рӯзи кори пас аз ба охир расидани ҳар семоҳа;
- ҳисоботи тавозунӣ ва ҳисобот аз рӯи даромад ва хароҷот, ки зери тафтиши аудиторӣ қарор дода шудаанд ва мувофиқи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ тайёр карда шудаанд, дар муддати 120 (яксаду бист) рӯз пас аз ба охир расидани ҳар як соли молиявии Ҷамъият;
- ҳар гуна маълумоти дигар, ки Саҳмдор метавонад ҳар вақт оид ба ҳар гуна масъалаҳое, ки ба фаъолият ва ё ҳолати молиявии Ҷамъият тааллуқ дорад, бо сабаби дахлдор талаб намояд.

5.6. Саҳмдори Ҷамъият ҳуқуқ дорад дафтарҳои муҳосибавӣ ва дафтарҳои баҳисобгириро дар вақти рӯзҳои кории муқаррарӣ шахсан тафтиш намояд ва ё ба аудитори мустақил бовар намояд, ки аз номи ӯ дафтарҳои муҳосибавӣ ва дафтарҳои баҳисобгириро аз ҳисоби Саҳмдор тафтиш намояд, ба шарте, ки чунин аудитори мустақил бо Ҷамъият шартномаи махфият бандад, амалӣ карда мешавад.

## 6. ФЕҲРИСТИ САҲМДОРОНИ ҶАМЪИЯТ

6.1. Ҷамъият бояд Феҳристи саҳмдоронро дар шакли аз ҷониби қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатдодашуда, нигоҳ дорад. Бақайдгирандаи феҳристи Саҳмдорон аз тарафи Шӯрои нозирон таъин мегардад.

6.2. Феҳристи саҳмдорон дар дафтари асосии Ҷамъият нигоҳ дошташуда, маълумотҳои зеринро дарбар мегирад:

- номи пурраи ҳар як Саҳмдор;
- миқдор ва намудҳои саҳмияҳои ҳар як Саҳмдор;
- арзиши номиналии саҳмияҳо;
- саннаи ба даст овардани саҳмияҳо;
- интиқоли саҳмияҳо бо сабаби марг, барҳамдиҳӣ азнавташкилдиҳӣ ва мансубияти саҳмияҳо аз рӯи тақсимот;
- гаронӣ ва/ё маҳдудиятҳое, ки нисбати саҳмияҳо муқаррар карда шудаанд;
- инчунин дигар маълумот, ки тибқи қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ талаб карда мешавад.

6.3. Бақайдгирии ҳама гуна тағйиротҳо дар Феҳристи саҳмдорон, аз ҷумла онҳое, ки дар робита ба интиқоли саҳмияҳо, ҳама гуна гарониҳо ва қатъи онҳо, масъалаҳои барориши саҳмияҳои нав, табдили вомбаргҳо ба саҳмияҳо бояд бо талаби саҳмдор дар давоми 3 (се) рӯз аз лаҳзаи пешниҳодкунии ҳуҷҷатҳои дахлдори аслӣ ва ҳама гуна дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда, ки метавонанд аз тарафи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шаванд, амалӣ гарданд.

6.4. Саҳмияҳои Ҷамъият бояд дар Феҳристи саҳмдорон ҳамчун коғазҳои қиматнок ба қайд гирифта шаванд. Феҳристи саҳмдорон бояд ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон, ҳуқуқҳои имтиёзнок, ҳуқуқи гирифтани суди саҳмияҳо агар эълон шуда бошанд, ҳуқуқи талаб кардани хариди саҳмияҳоро аз ҷониби Ҷамъият ва ҳуқуқи ба ҷараёни барҳамдиҳӣ мувофиқи қоидаҳои имтиёзноке, ки дар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шуданд, тасдиқ намояд.

6.5. Бо дархости хаттии Саҳмдорон бояд иқтибос аз Феҳристи саҳмдорон бо муҳри дорандаи феҳрист, дода шавад. Ҷамъият вазифадор аст, ки дафтари Иқтибосҳои аз Феҳрист пешниҳодшударо нигоҳ дорад. Дафтар бояд ҷилдбандӣ, рақамгузорӣ ва бо муҳри Ҷамъият тасдиқ карда шавад. Ҳар як Саҳмдор ҳуқуқ барои гирифтани тасдиқнома, ки ӯ ба Феҳристи саҳмдорон ворид гаштааст, дорад ва бақайдгирандаи Феҳристи саҳмдорон, бояд ба Саҳмдор қайди бақайдгирии онро дар феҳристи Саҳмдорон, нишон диҳад.

## 7. САРМОЯИ ОИННОМАВӢ

7.1. Сармояи оинномавии Ҷамъият андозаи ҳадди ақали молу мулки Ҷамъиятро, ки манфиатҳои кредиторонро кафолат медиҳад, муайян менамояд. Сармояи оинномавии Ҷамъият 99 002 000 (наваду нуҳ миллиону ду ҳазор) сомониро ташкил медиҳад, ки он ба 99 002 (наваду нуҳ ҳазору ду) саҳмияи оддии номии овоздори ғайриҳуҷҷатӣ бо арзиши номиналии 1 000.00 (як ҳазор) сомонӣ ҳар як саҳмия, ки дар байни Саҳмдорони Ҷамъият тақсим карда шудааст, иборат мебошад.

Барои анҷом додани фаъолияти бонкии исломӣ 10 000 000 (даҳ миллион) сомонӣ ҳиссаи сармояи оинномавии Ҷамъият равона карда шудааст.

7.2. Як саҳмияи оддии пардохтшуда дорои ҳуқуқи як овоз дар Маҷлиси умумии саҳмдорони Ҷамъият мебошад.

7.3. Саҳмияҳое, ки ҳуқуқи моликият нисбати онҳо ба Ҷамъият гузаштааст, ҳуқуқи овоз надоранд, ҳангоми овоздиҳӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд ва вобаста ба онҳо суди саҳмияҳо ҳисоб карда намешавад. Чунин саҳмияҳоро бояд Ҷамъият бо нархи на пасттар аз арзиши номиналӣ дар мӯҳлати на дертар аз як сол пас аз ба даст оварданаш фурӯшад. Дар акси ҳол, Ҷамъият бояд дар бораи кам кардани сармояи оинномавии худ қарор қабул намояд.

7.4. Сармояи оинномавии Ҷамъият метавонад бо роҳи зиёд намудани арзиши номиналии саҳмияҳо ё баровардани саҳмияҳои иловагӣ зиёд карда шавад.

7.5. Қарор дар бораи зиёд кардани сармояи оинномавӣ аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорони Ҷамъият ва танҳо пас аз пардохти пурраи ҳаҷми қаблии он қабул карда мешавад.

7.6. Шартҳо ва тартиби зиёд намудани сармояи оинномавӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" муайян карда мешавад ва мувофиқи он татбиқ карда мешавад.

7.7. Сармояи оинномавии Ҷамъият метавонад бо роҳи кам кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё кам кардани миқдори умумии онҳо ё дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" бо роҳи ба даст овардани қисми саҳмияҳо аз ҷониби Ҷамъият кам карда шавад.

7.8. Тартиби огоҳ намудани кредиторон дар хусуси кам кардани ҳаҷми сармояи оинномавии Ҷамъият бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" муайян карда мешавад.

## 8. ТАРТИБИ БЕГОНАКУНИИ САҲМИЯҲОИ ҶАМЪИЯТ

8.1. Саҳмдор метавонад саҳмияҳои худро ба шахсони сеюм бо нархи бо созиши тарафҳо муайяншуда, бегона намояд.

8.2. Саҳмдори Чамъият барои аз рӯи нархи ба дигар шахс пешниҳодшуда харидорӣ намудани саҳмияҳои Саҳмдори ҳамин Чамъият ҳуқуқи афзалиятноки хариди саҳмияҳоро дорад.

8.3. Ҷамъият ҳуқуқи афзалиятноки аз Саҳмдорон харида гирифтани саҳмияҳояшонро дорад, ба шарте ки Саҳмдорон аз ҳуқуқи афзалиятноки харидани саҳмияҳо истифода накарда бошанд.

8.4. Саҳмдори Ҷамъият, ки нияти ба шахси сеюм фурӯхтани саҳмияҳои худро дорад, уҳдадор аст Саҳмдорони дигар ва Ҷамъиятро бо нишон додани нарх ва дигар шартҳои фурӯши саҳмияҳо ба таври хаттӣ огоҳ намояд.

8.5. Огоҳномаи хаттӣ дар бораи бегонакунии саҳмияҳо бо нишон додани нарх ва дигар шартҳои ҳатмии шартномаи хариду фуруш ба Директори генералии Ҷамъият пешниҳод карда мешавад.

8.6. Агар Саҳмдорон (Саҳмдорон) ва ё Ҷамъият аз ҳуқуқи афзалиятнок барои ба даст овардани ҳамаи саҳмияҳои барои фурӯш пешниҳодшаванда дар мӯҳлати ду моҳ аз рӯзи гирифтани чунин огоҳинома аз ҷониби Ҷамъият истифода накунанд, саҳмияҳо метавонанд ба шахсони сеюм бо ҳамон нарх ва шартҳое, ки ба Ҷамъият

ва Саҳмдорон хабар дода шуда буданд, фурӯхта шаванд. Агар то ба охиррасии ин мӯҳлат аз ҷониби Саҳмдор ва инчунин аз ҷониби Ҷамъият аризаи хаттӣ оид ба истифода бурдан ё рад кардан аз ҳуқуқи афзалиятнок гирифта шуда бошад, мӯҳлати амалинамоии ҳуқуқи афзалиятнок қатъ мегардад.

8.7. Тартиби аз ҷониби Саҳмдор ва ё аз ҷониби Ҷамъият харидорӣ намудани саҳмияҳои Ҷамъият бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" ба танзим даровarда мешавад.

8.8. Ҳуқуқи моликият ба саҳмияҳо ба харидори нав аз лаҳзаи ворид намудани қайдхо ба Феҳристи саҳмдорони Ҷамъият мегузарад.

## 9. ИДОРАКУНИИ ҶАМЪИЯТ

9.1. Мақомотҳои идоракунии Ҷамъият инҳоянд:

- Маҷлиси умумии саҳмдорон - мақоми олии Ҷамъият;
- Шӯрои нозирон – мақоми идоракунии Ҷамъият;
- Раёсат – мақоми дастаҷамъии иҷроияи Ҷамъият;
- Директори генералӣ – мақоми иҷроияи яккасардории Ҷамъият;
- Комиссияи тафтишотӣ - мақоми назоратии Ҷамъият.

## 10. МАҶЛИСИ УМУМИИ САҲМДОРОН

10.1. Маҷлиси умумии саҳмдорон мақоми олии идоракунии Ҷамъият буда, салоҳиятҳои тибқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур муқаррар кардашударо доро мебошад.

10.2. Масъалаҳои мазкур ба салоҳияти истисноии Маҷлиси умумии саҳмдорон инҳо дохил мешаванд:

- ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Оинномаи Ҷамъият;
- азнавташкилдиҳии ихтиёрии Ҷамъият;
- барҳамдиҳии Ҷамъият, таъини комиссияи барҳамдиҳӣ ва тасдиқи тавозуни фосилавӣ ва ниҳоии барҳамдиҳӣ;
- муайян намудани шумораи аъзои Шӯрои нозирони Ҷамъият, интихоби аъзои он ва пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои онҳо;
- муайян намудани миқдор, арзиши номиналӣ, намуди (навъи) саҳмияҳои эълоншуда ва ҳамчунин ҳуқуқҳое, ки ба ин саҳмияҳо дода шудааст;
- зиёд кардани сармояи оинномавии Ҷамъият бо роҳи зиёд кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё бо роҳи паҳн кардани саҳмияҳои иловагӣ;
- кам кардани сармояи оинномавии Ҷамъият бо роҳи кам кардани арзиши номиналии саҳмияҳо, бо роҳи як қисми ин саҳмияҳоро бо мақсади кам кардани миқдори умумии онҳо харидани Ҷамъият ва инчунин бо роҳи пардохтани арзиши саҳмияҳои ба дастоварда ё азнавхаридаи Ҷамъият;
- тасдиқи аудитори берунаи Ҷамъият ва подошпулии он. Интихоби Комиссияи тафтишотӣ;
- тасдиқи ҳисоботи солона, ҳисоботи муҳосибавӣ, аз ҷумла ҳисобот дар мавриди фоида ва зарари (ҳисоби даромад ва зарар) Ҷамъият, инчунин тақсими фоида,

аз ҷумла пардохти (эълони) суди саҳмияҳо ва товони зарари Ҷамъият аз рӯи натиҷаҳои соли молиявӣ;
- тасдиқи дастури кории Маҷлиси умумии саҳмдорон;
- интихоби аъзои комиссияи баҳисобгирӣ ва пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколатҳои онҳо;
- қабули қарор дар бораи маъқул донистани аҳдҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои 81 ва 85 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”;
- аз ҷониби Ҷамъият харидании саҳмияҳои паҳнкардашуда дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”;
- қабули қарор дар бораи иштироки Ҷамъият дар таъсис ё фаъолияти дигар шахсони ҳуқуқӣ бо роҳи супурдани як ё якчанд қисми доройӣ ба маблағе, ки дар маҷмӯъ 25 (бисту панҷ) фоиз ё бештари ҳамаи дороии Ҷамъиятро ташкил медиҳад;
- тасдиқи ҳуҷҷатҳои дохилии Ҷамъият, ки фаъолияти Маҷлиси умумии саҳмдорон, Шӯрои нозирон ва Комиссияи тафтишоти (Ревизор)-и Ҷамъиятро ба танзим медароранд;
- пардохти суди саҳмия (дивиденд);
- барориши саҳмияҳои оддии иловагии Ҷамъит, ки беш аз 25 (бисту панҷ) фоиз аз ҳаҷми умумии саҳмияҳои оддии қаблан паҳнкардашудаи Ҷамъиятро ташкил медиҳад;
- барориши вомбаргҳои қобили табдили Ҷамъият, ки беш аз 25 (бисту панҷ) фоиз аз ҳаҷми умумии саҳмияҳои оддии қаблан паҳнкардашудаи Ҷамъиятро ташкил медиҳад;
- қабули қарор дар бораи таъсис ва барҳамдиҳии ширкати фаръӣ (вобаста), аз ҷумла қарор дар бораи иштироки Ҷамъият дар сармояи оинномавии дигар шахсони ҳуқуқӣ;
- қабули қарор дар бораи зиёд кардани сармояи оинномавии ширкати фаръӣ (вобаста) ба маблағи зиеда аз 150 000 (яксаду панҷоҳ ҳазор) доллари ИМА дар давоми ҳар як соли молиявӣ;
- қабули қарор дар бораи аз ҷониби ширкати фаръӣ (вобаста) харидани ҳар гуна дороиҳо ба маблағи зиеда аз 150 000 (сад панҷоҳ ҳазор) доллари ИМА дар давоми ҳар як соли молиявӣ;
- дигар масъалаҳое, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорони Ҷамъият таалуқ доранд.

10.3. Масъалаҳои марбут ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон наметавонанд ҷиҳати ҳал ба мақоми иҷроияи Ҷамъият ирсол гарданд.

10.4. Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳуқуқ надорад масъалаҳои тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” таҳти салоҳияташ қарорнадошта ва ба рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон вориднагардидаро баррасӣ намояд ва вобаста ба онҳо қарор қабул кунад.

10.5. Маҷлиси умумии саҳмдорон метавонад маҷлиси солона ва ғайринавбатӣ бошад.

10.6. Ҷамъият вазифадор аст ҳар сол Маҷлиси умумии саҳмдоронро доир намояд. Маҷлиси умумии солонаи саҳмдорон дар муҳлатҳои на барвақтар аз 2 (ду) моҳ ва на дертар аз 6 (шаш) моҳи баъди соли молиявӣ гузаронида мешавад.

10.7. Ба рӯзномаи Маҷлиси солонаи умумии саҳмдорон бояд хатман масъалаҳои интихоби мақоми идоракунӣ (Шӯрои нозирон) ва мақоми назоратӣ (Комиссияи тафтишотӣ)-и Ҷамъият, инчунин масъалаҳои пешбининамудаи сархати нуҳуми банди 10.2. Оинномаи мазкур ворид карда шавад. Қарорҳо оид ба масъалаҳое, ки дар сарҳатҳои 17 ва 18, банди 10.2. ишора шуданд бояд якдилона қабул гарданд. Қарорҳо оид ба масъалаҳое, ки дар сарҳатҳои 1, 2, 3, 6, 7 ва 15 банди 10.2. ишора шуданд бо аксарияти аз се чор ҳиссаи овози Саҳмдорони дар Маҷлиси умумии саҳмдорон иштирокдошта қабул гарданд. Қарорҳои дигар бо тарафдории аксарияти оддӣ ё куллии овозҳои шумораи умумии Саҳмдорон, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаст, қабул мешаванд.

10.8. Саҳмдорон бояд на дертар аз 20 (бист) рӯз пеш ва агар рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон масъалаи азнавташкилкуниро дарбар гирад, на дертар 30 (сӣ) рӯз пеш аз гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон ба таври хаттӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ карда шаванд.

Чунин огоҳинома бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

- номи фирмавии Ҷамъият ва маҳали ҷойгиршавии он;
- шакли гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон (маҷлис ва овоздиҳии ғоибона)
- сана, макон, вақти гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон ва агар варақаҳои пурсиши пуркардашуда ба Ҷамъият ирсол гарданд, суроғаи почта, ки тавассути он варақаҳои пурсиши пуркарда ирсол мегарданд ё ҳангоми гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон дар шакли овоздиҳии ғоибона - санаи анҷоми қабули варақаҳои пурсиш ва суроғаи почта, ки тавассути он бояд варақаҳои пурсиши пуркардашуда ирсол гарданд;
- санаи тартиб додани рӯйхати шахсоне, ки ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон доранд;
- рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон;
- тартиби шиносоӣ бо маълумот (маводҳо), ки ҳангоми омодагӣ ба Маҷлиси умумии саҳмдорон пешниҳод карда мешаванд ва суроғае, ки онҳоро фиристодан мумкин аст.

10.9. Дар ҳолати зарурӣ, огоҳинома бояд нусхаи тавозун, ҳисобот дар мавриди фоида ва зарари (ҳисоби даромад ва зарар), ҳисобот аз Шӯрои нозирон, ҳисоботи аудитор ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдорро дар бар гирад, ки ба саҳмдорон имкон медиҳад дар бораи масъалаҳои рӯзнома қарор қабул кунанд.

10.10. Саҳмдорон метавонанд дар Маҷлиси умумии саҳмдорон бо истифодаи воситаҳое, ки имкони ба ҳама иштирокчиён бо якдигар ба таври шифоҳи муошират карданро медиҳанд, махсусан бо воситаи телефонӣ ё интернетӣ иштирок намоянд ва чунин маҷлис ғоибона ба ҳисоб намеравад, бо назардошти

он ки он ба таври дахлдор сабт карда ва нигоҳ дошта шавад ва Саҳмдорон овоздиҳии худро ба таври дахлдор тасдиқ намоянд.

Ҳангоми гузаронидании Маҷлиси умумиии саҳмдорон бо тартиби онлайн, воситаҳои технологие, ки ҷиҳати иштироки Саҳмдорон бо тартиби онлайн истифода бурда мешаванд, бояд:

- шахсияти Сахмдор ё шахси дигаре, ки манфиатҳои Саҳмдорро ба таври дахлдор наммояндагӣ мекунад, дуруст муайян намояд;
- ба Саҳмдорон имкон диҳад, ки иродаи худро ба таври мувофиқ баён намоянд.

10.11. Дигар масъалаҳои вобаста ба ташкил ва гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”, низомномае, ки бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон тасдиқ карда шудааст, дигар қарорҳои Маҷлиси умумӣ ва (ва ё инки) дигар мақоми Ҷамъият дар доираи ваколатҳояшон қабул карда шудаанд, муайян карда мешаванд.

## 11. ШӮРОИ НОЗИРОН

11.1. Шӯрои нозирони Ҷамъият мақоми идоракунии Ҷамъият мебошад ва роҳбарии умумии Ҷамъиятро байни Маҷлисҳои умумии саҳмдорон амалӣ менамояд. Шӯрои нозирони Ҷамъият масъалаҳоеро баррасӣ менамояд ва қарор қабул мекунад, ки мувофиқи Оинномаи мазкур ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон дохил карда нашудаанд.

11.2. Ба салоҳияти Шӯрои нозирон инҳо дохил мешавад:

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки Ҷамъият;
- даъвати Маҷлиси солона ва ғайринавбатии умумии саҳмдорон;
- тасдиқи рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон;
- муайян намудани санаи таҳияи рӯйхати шахсони дорои ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ва дигар масъалаҳое, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” вобаста ба масъалаҳои тайёри ва гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон ба салоҳияти Шӯрои нозирони Ҷамъият вогузор карда шудаанд;
- тасдиқи буҷети солона ва нақшаи кории Ҷамъият;
- таъсиси мақоми иҷроияи Ҷамъият ва пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколатҳои он, тасдиқи низомномаҳои он;
- муайян кардани шартҳо ва андозаи музди меҳнати директор, муовинони ӯ, аъзои Раёсат, сараудитор ва сардори воҳиди сохтории идоракунии хавфҳои ташкилоти Ҷамъият;
- шунидани ҳисобот дар бораи фаъолияти шӯъбаи аудити дохила, муайян намудани шумораи аъзоёни ин шӯъба, тасдиқи кормандони шӯъба, тасдиқ намудани низомнома, ки фаъолияти шӯъбаи аудити дохиларо ба танзим медарорад.
- маъқул донистани аҳдҳои калон дар ҳолатҳои бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” пешбинигардида;
- муайян намудани иттилоот оид ба Ҷамъият ё фаъолияти он, ки сирри хизматӣ, тиҷоратӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳанд, инчунин тартиби кушодани он ба шахсони сеюм аз ҷониби Ҷамъият;

- аз ҷониби Ҷамъият паҳн кардани саҳмияҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- харидани саҳмияҳои паҳннамудаи Ҷамъият дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- тавсияҳо вобаста ба андозаи суди саҳмияҳо ва тартиби пардохти онҳо;
- муайян намудани нархи (арзиши пулӣ) молу мулк, нархи паҳн кардан ва хариди қоғазҳои қимматнок дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун;
- тасдиқи пешакии ҳисоботи солона, ҳисоботи солонаи муҳосибавӣ, аз он ҷумла ҳисобот оид ба даромад ва зарари (ҳисобҳои даромад ва зарари) Ҷамъият, инчунин тақсими даромад ва зарари Ҷамъият аз рӯи натиҷаи соли молиявӣ;
- пешниҳоди тавсияҳо вобаста ба муайян намудани андозаи пардохти ҳаққи хизмати аудитории беруна;
- тасдиқи ҳуҷҷатҳои дохилии Ҷамъият, ба истисноии ҳуҷҷатҳои дохилии Ҷамъият, ки тасдиқи онҳо ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон ва мақоми дастаҷамъии иҷроияи Ҷамъият гузошта шудааст;
- таъсиси филиалҳо, аз ҷумла Равзанаи бонкии исломӣ, кушодани намояндагиҳои Ҷамъият, тасдиқи низомномаҳои онҳо;
- тасдиқи нигоҳдорандаи Феҳристи саҳмдорони Ҷамъият ва шартҳои шартномаи бо ӯ басташаванда, инчунин бекор кардани шартнома бо ӯ;
- маъқул донистани хориҷ кардани қарзҳои беэътимод;
- қабули қарор оид ба истифодабарии воситаҳои фонди захиравӣ ва дигар фондҳои Ҷамъият;
- қабули қарорҳо оид ба аз ҷониби Ҷамъият бастани созишномаҳо (шартномаҳо)-и қарзӣ бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) барои гирифтани қарзҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, ки андозаи онҳо (ҳар як қарз дар алоҳидагӣ) аз маблағи ҳамарзиши 1 000 000 (як миллион) доллари ИМА зиёд мебошанд;
- қабули қарор оид ба таъсис ва барҳамдиҳии Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ, интихоби узви Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ ва муайян намудани шартҳо ва андозаи подошпулии онҳо;
- таъин намудани Котиби корпоративии Ҷамъият ва пеш аз мӯҳлат қатъ кардани ваколатҳои ӯ, муайян намудани андозаи музди меҳнат ва шартҳои пардохти меҳнати ӯ, инчунин қабули қарор оид ба муайян намудани шахсе, ки дар давраи муваққатан ҳузур надоштани Котиби корпоративӣ ваколадор мебошад вазифаҳои ӯро иҷро намояд (иҷрокунандаи вазифаи Котиби корпоративӣ);
- назорат аз болои низоми идоракунии хавфҳо, аз ҷумла хавфҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ва низоми назорати дохилӣ;
- тасдиқи сохтори ташкилии Ҷамъият ва иловаҳо ба он;
- дигар масъалаҳое, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбини гардидаанд.

11.3. Ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба салоҳияти Шӯрои нозирони Ҷамъиятро ба зиммаи мақоми иҷроияи Ҷамъият гузоштан мумкин нест.

11.4. Шӯрои нозирон барои идоракунии хавфи комплаенс (мувофиқа)-и Ҷамъият масъулият ба дӯш дорад.

11.5. Ҳайат ва шумораи аъзои Шӯрои нозирон бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон муайян карда мешавад. Ҳайати Шӯрои нозирони Ҷамъият на кам аз 5 (панҷ) нафар иборат аст, ки ба муддати як соли маротибаи номаҳдуд ва/ё то Маҷлиси умумии солонаи ояндаи Саҳмдорон интихоб карда мешаванд, агар давраи байни Маҷлиси умумии солонаи саҳмдорон аз як сол зиёд бошад. Аъзои мақоми иҷроия наметавонад аъзои Шӯрои нозирон бошад. Агар Маҷлиси умумии солонаи саҳмдорон дар мухлатҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида гузаронида нашуда бошад, ваколатҳои Шӯрои нозирон қатъ карда мешавад, ба истисноӣ ваколатҳои доир ба тайёрӣ, барпокунӣ ва гузаронидани Маҷлиси умумии солонаи саҳмдорон. Шахсони дар Шӯрои нозирон интихобшуда, метавонанд дар ҳайати он аз нав интихоб карда шаванд.

11.6. Шӯрои нозирони Ҷамъиятро раис роҳбарӣ менамояд, ки ӯ аз ҷониби аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият аз ҳисоби онҳо интихоб мегардад. Шӯрои нозирони Ҷамъият ҳуқуқ дорад ҳар вақт раиси Шӯрои нозирони Ҷамъиятро азнав интихоб намояд.

11.7. Раиси Шӯрои нозирони Ҷамъият кори Шӯрои нозирони Ҷамъиятро ба роҳ монда, маҷлиси Шӯрои нозирони Ҷамъиятро даъват менамояд ва ба он роҳбарӣ мекунад.

11.8. Маҷлиси Шӯрои нозирони Ҷамъият аз ҷониби раиси Шӯрои нозирони Ҷамъият бо ташаббуси шахсии ӯ, бо талаби аъзои Шӯрои нозирон, комиссияи тафтишотии Ҷамъият, ё аудитори Ҷамъият, мақоми иҷроияи Ҷамъият, Саҳмдори Ҷамъият даъват карда мешавад.

11.9. Муҳлати огоҳонидани аъзоёни Шӯрои нозирон, тартиби даъват ва гузаронидани маҷлисҳо, инчунин дигар муқаррароте, ки бо Оиномаи мазкур дар ин қисмат ба танзим дароварда нашудаанд, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” ва Низомнома дар бораи Шӯрои нозирон, ки бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон тасдиқ карда шудааст, муайян карда мешавад.

11.10. Шӯрои нозирон метавонад бо истифодаи воситаҳое, ки имкони ба ҳама иштирокчиён бо якдигар ба таври шифоҳи муоширит карданро медиҳанд, махсусан бо воситаи телефонӣ ё интернетӣ ҷаласа баргузор намоянд ва чунин ҷаласа ғоибона ба ҳисоб намеравад, бо назардошти он ки он ба таври дахлдор сабт карда ва нигоҳ дошта шавад ва аъзоёни Шӯрои нозирон овоздиҳии худро ба таври дахлдор тасдиқ намоянд.

Ҳангоми гузаронидани ҷаласаи Шӯрои нозирон бо тартиби онлайн, воситаҳои технологие, ки ҷиҳати иштироки аъзоён бо тартиби онлайн истифода бурда мешаванд, бояд:

- шахсияти аъзоро дуруст муайян намояд;
- ба аъзоён имкон диҳад, ки иродаи худро ба таври мувофиқ баён намоянд.

11.11. Кворум барои гузаронидани маҷлиси Шӯрои нозирони Ҷамъият бояд на камтар аз нисфи шумораи аъзоёни интихобгардидаи Шӯрои нозирони Ҷамъият, ки онҳо шомили маҷлис ва ё иштироккунандагони маҷлис дар шакли дигаре, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои дохилии Ҷамъият мухолиф нестанд, мебошанд, ташкил дода мешавад.

11.12. Ҳар як аъзои Шӯрои нозирон соҳиби як овоз дар ҷаласаи Шӯрои нозирон мебошад ва қарорҳо бо овозҳои аксарияти оддии аъзоёни Шӯрои нозирон, ки дар ҷаласа иштирок менамоянд ва ё онҳоро намояндагӣ менамоянд, қабул карда мешаванд.

11.13. Шӯрои нозирон метавонад ваколатҳои ҳар як аъзои Раёсатро ба таври фаврӣ бо овоздиҳии якдилона қатъ намояд.

11.14. Аъзои Шӯрои нозирон наметавонад ҳуқуқи овоздиҳии худро ба зиммаи дигар шахс, аз ҷумла ба зиммаи аъзои дигари Шӯрои нозирони Ҷамъият вогузорад.

11.15. Дар сурати баробарии овози аъзои Шӯрои нозирони Ҷамъият ҳангоми қабул намудани қарор ҳуқуқи овози ҳалкунанда ба раиси Шӯрои нозирони Ҷамъият марбут аст.

11.16. Ҳамаи хароҷотҳои марбут ба гузаронидани маҷлиси Шӯрои нозирони Ҷамъият аз ҳисоби Ҷамъият ҷуброн мешаванд.

11.17. Бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорони Ҷамъият ба аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият дар давраи анҷом додани уҳдадориҳояшон подоши меҳнат пардохта мешавад ва (ё) хароҷоташон вобаста ба иҷрои вазифаи аъзои Шӯрои нозирони Ҷамъият ҷуброн карда мешавад. Андозаи чунин подош ё ҷубронпулӣ бо қарори Маҷлиси умумии саҳдорони Ҷамъият муқаррар карда мешавад.

11.18. Аъзои Шӯрои нозирон бояд принсипи вафодорӣ ба Ҷамъият ва манфиатҳои Саҳмдорони онро риоя намояд (duty of loyalty) ва кори худро ҳамчун аъзои Шӯрои нозирон поквиҷдонона иҷро намояд (duty of care).

## 12. МАҚОМИ ИҶРОИЯИ ҶАМЪИЯТ

12.1. <u>Мақомоти дастаҷамии иҷроия.</u> Мақомоти дастаҷамъии иҷроияи Ҷамъият Раёсат мебошад. Раёсати Ҷамъият мавҷудияти низоми ба талабот ҷавобгӯи назорати дохилиро таъмин карда, барои аз тарафи кормандони Ҷамъият иҷро гардидани уҳдадориҳои онҳо дар робита бо назорати дохилӣ шароит фароҳам меорад.

Аъзои Раёсат бояд принсипи вафодорӣ (duty of loyalty) ба Ҷамъият ва манфиатҳои Саҳмдорони онро риоя намояд ва кори худро ҳамчун аъзои Раёсат поквиҷдонона (duty of care) иҷро намояд.

12.1.1. Ба салоҳияти Раёсати Ҷамъият инҳо дохил мешавад:

- муқаррар намудани тартиби ташкили сохтори ташкилию вазифавии идоракунии Ҷамъият;
- муайян намудан ва баҳогузории хавфҳои эҳтимолӣ ва имконпазир вобаста ба амалиётҳое, ки Ҷамъият мегузаронад;
- назорати хавфҳои эҳтимолӣ ва имконпазири Ҷамъият;
- анҷом додани мониторинги ҳармоҳаи даромадҳои (хароҷоти) Ҷамъият бо мақсади нигоҳ доштани онҳо дар ҳудуди меъёрҳои тасдиқкардаи Шӯрои нозирони Ҷамъият;
- гузаронидани мониторинги тақсимоти захираҳои молиявӣ ба воҳидҳои Ҷамъият, ки барои гузаронидани амалиёти маблағгузории хурд масъул

мебошанд, бо риояи меъёрҳои ҷоизи муқарраркардаи Шӯрои нозирон, аз ҷумла нисбат ба хавф ва даромад, хавф ва сармояи танзимшаванда;
- гузаронидани мониторинги мунтазам оид ба аз тарафи Ҷамъият риоя шудани муносибатҳои шартномавӣ, талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати дохилии амалиёти маблағгузории хурд;
- гузаронидани мониторинг оид ба аз тарафи воҳидҳои Ҷамъият иҷро шудани сиёсати риоягардии санадҳои меъёрии ҳуқуқи, ки фаъолияти бонкиро танзим мекунад;
- ба Шӯрои нозирон ва Маҷлиси умумии саҳмдорони Ҷамъият пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ ва идоравӣ дар бораи фаъолияти Ҷамъият;
- беҳтар намудани низоми ҳисобдории Ҷамъият дар асоси хулосаҳои ташкилоти мустақили аудиторӣ;
- таҳлили семоҳаи нишондиҳандаҳои муҳимӣ шароити иқтисодии фаъолияти Ҷамъият бо пешниҳоди ҳисоботи дахлдор дар ҷаласаҳои Шӯрои нозирони Ҷамъият;
- тасдиқи ҳуҷҷатҳои дохилие (қоидаҳо, дастурамалҳо, низомномаҳо дар бораи департаментҳо ва шӯъбаҳои Ҷамъият), ки фаъолияти Ҷамъиятро ба танзим медароранд;
- дар асоси хулосаи кумитаи қарзӣ ва дар мувофиқа бо Шӯрои нозирони Ҷамъият, қабули қарор дар бораи хориҷ кардани қарзҳои беэътимод;
- қабули қарор оид ба таъсиси марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд ва воҳиди сайёр, тасдиқи низомномаҳои онҳо;
- қабули қарорҳо оид ба аз ҷониби Ҷамъият бастани созишномаҳо (шартномаҳо)-и қарзӣ бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) барои гирифтани қарзҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, ки андозаи онҳо (ҳар як қарз дар алоҳидагӣ) аз маблағи ҳамарзиши 1 000 000 (як миллион) доллари ИМА зиёд намебошанд.

12.1.2. Ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба салоҳияти мақомоти дастаҷамъии иҷроияи Ҷамъиятро ба зиммаи мақоми иҷроияи яккасардории Ҷамъият гузоштан мумкин нест.

12.1.3. Ҳайати Раёсати Ҷамъият на кам аз 3 (се) нафарро ташкил медиҳад. Аъзоёни Раёсати Ҷамъият бо қарори Шӯрои нозирони Ҷамъият интихоб карда мешаванд. Вазифаи раиси Раёсати Ҷамъиятро шахси анҷомдиҳандаи вазифаи мақомоти инфиродии иҷроияи Ҷамъият иҷро менамояд.

12.1.4. Аъзоёни Раёсати Ҷамъият метавонанд миқдори маротибаи номаҳдуд аз нав интихоб шаванд. Муҳлати ваколати аъзои Раёсати Ҷамъият 2 (ду) сол аст.

12.1.5. Маҷлисҳои Раёсати Ҷамъият ҳармоҳа гузаронида мешаванд.

12.1.6. Тартиби даъват ва гузаронидани маҷлисҳои Раёсати Ҷамъият, инчунин дигар муқаррароте, ки бо Оиномаи мазкур дар ин қисмат ба танзим дароварда нашудаанд, бо ҳуҷҷатҳои дихилии Ҷамъият мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

12.1.7. Кворуми гузаронидани маҷлисҳои Раёсати Ҷамъият набояд камтар аз нисфи аъзои интихобгардидаи Раёсати Ҷамъият бошад.

12.1.8. Қарорҳо дар маҷлиси Раёсати Ҷамъият бо аксарияти овозҳои аъзоёни Раёсати Ҷамъият, ки дар маҷлис иштирок намудаанд, қабул карда мешаванд.

12.2. <u>Мақомоти яккасардории иҷроия.</u> Мақомоти яккасардории иҷроияи Ҷамъият Директори генералӣ мебошад. Директори генералии Ҷамъият бо қарори Шӯрои нозирони Ҷамъият интихоб карда мешавад.

12.2.1. Мӯҳлати ваколати Директори генералии Ҷамъият 5 (панҷ) сол аст. Директори генералии Ҷамъият метавонад миқдори маротибаи номаҳдуд аз нав интихоб шавад.

12.2.2. Директори генералии Ҷамъият вазифадор аст ба манфиати Ҷамъият софдилона ва оқилона амал намояд.

12.2.3. Директори генералии Ҷамъият фаъолияти ҷории Ҷамъиятро роҳбарӣ мекунад ва масъалаҳое, ки ба ҳамин Оиннома ва қонун ба салоҳияти дигар мақомоти идоракунӣ вогузор нашудааст, ҳал менамояд.

12.2.4. Директори генералии Ҷамъият дар фаъолияти худ ба роҳбарӣ мегирад:
- санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрие, ки фаъолияти хоҷагӣ ва молиявию иқтисодии Ҷамъиятро муайян менамоянд, инчунин қарорҳо, фармонҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои амрдиҳандаи Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Шӯрои нозирони Ҷамъият;
- санадҳои дохилии (ҷузъи) Ҷамъият;
- Оинномаи мазкур;
- ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳанда ва маводҳои меъёрие, ки ба фаъолияти Ҷамъият тааллуқ доранд.

12.2.5. Директори генералии Ҷамъият вазифадор аст:
- баланд бардоштани самаранокии меҳнати кормандони Ҷамъият, кам кардани хароҷот (моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ), истифодаи оқилонаи захираҳои мехнатӣ, назорати сифатнокии хизматрасонӣ ба мақсади баланд бардоштани рақобатнокии Ҷамъият;
- тартиб додани нақшаи чорабиниҳо оиди 1) бартараф намудани таъсири манфии истифодабарии таҷҳизот ба муҳити атроф; 2) эҳтиёткорона истифода бурдани сарватҳои табиӣ; 3) таъсиси шароити беҳавфи меҳнат;
- назорати риояи интизоми меҳнатӣ, мутобиқати кор ба қоидаҳо ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат, бехатарии техникӣ, санитарияи истеҳсолӣ, бехатарӣ аз сӯхтори роҳбарони қисм ва хадамотҳои Ҷамъият, инчунин кормандони қисм ва хадамотҳои дахлдор;
- ташкили таълим ва баланд бардоштани малакаи кормандони Ҷамъият ва таъмини доимии мукаммалкунии омодагии ҳайат;
- роҳбарии фаъолияти хадамотҳои техникии Ҷамъият, назорати натиҷаи корҳои онҳо ва ҳолати интизоми меҳнатӣ дар қисмҳои зертобеъ.

12.2.6. Директори генералии Ҷамъият ҳуқуқ дорад:
- манфиатҳои Ҷамъиятро дар муносибатҳои дутарафа бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва идора, инчунин дар сохторҳои зертобеи корхонаҳо оид ба масъалаҳои хоҷагидорӣ ва молиявию иқтисодӣ намояндагӣ кунад;

- тибқи ваколатҳои худ маблағҳои пулӣ ва дигар маблағҳои моддии Ҷамъиятро ихтиёрдорӣ намояд;
- аз номи Ҷамъият бидуни ваколатнома амал намояд, аз ҷумла аз манфиатҳои он намояндагӣ намояд ва аҳдҳо бандад;
- барои ҳуқуқи намояндагӣ аз номи Ҷамъият ваколатнома, аз ҷумла ваколатномаи дорои ҳуқуқ бо боварӣ диҳад;
- ба баррасии мақомотҳои идоракунии Ҷамъият оиди муккамалкунии фаъолияти хоҷагӣ ва молиявию иқтисодӣ пешниҳодҳо намояд;
- ҳуҷҷатҳоро имзо ва роҳнамоӣ намояд;
- кушодани суратҳисобҳо дар бонкҳо;
- аз роҳбарони қисмҳои сохтории Ҷамъият (мутахассисон) гирифтани маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ заруранд;
- тасдиқи рӯйхати штатӣ;
- озод кардан, ҷойивазкунӣ, ҳавасмандгардонии кормандон ва ба онҳо татбиқ намудани муҷозоҳо;
- аз Маҷлиси умумии саҳмдорони Ҷамъият ва Шӯрои нозирони Ҷамъият талаб кардани мусоидат дар иҷрои ҳуқуқу уҳдадориҳои вазифавии худ;
- қабули қарор (баровардани фармон) оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;
- қабули қарор аз номи Ҷамъият оид ба масъалаҳои фаъолияти ҷамъиятҳои фаръӣ ва вобаста, ки ба салоҳияти маҷлиси умумии иштирокчиён (саҳмдорон)-и чунин ҷамъиятҳо мансубанд, ба истисноии масъалаҳои салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорони Ҷамъият, ки дар сархатҳои 19, 20 ва 21-и банди 10.2-и Оинномаи мазкур пешбинӣ шудаанд.

12.2.7. Директори генералии Ҷамъият масъул аст барои:
- иҷро накардани (иҷрои нодурустӣ) уҳдадориҳои вазифавӣ ва Оинномавӣ;
- дар раванди баамалбарории вазифаҳои меҳнатии худ содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо;
- расонидани зарари моддӣ дар доираи муайяннамудаи қонунгузории амалкунандаи меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- оқибатҳои қарорҳои қабулнамудаи онҳо, ки аз ҳадди ваколатҳои ӯ мебароянд;
- иҷроиши лозимаи уҳдададориҳои вазифавии кормандони ба ӯ тобеъбудаи Ҷамъият бар дӯш доштан, истифода ва нигаҳдории комили таҷҳизотҳо, аниқияти расонидани маълумот то роҳбарон ва қисми кормандон ва таъсиси шароити бехавфи меҳнат дар ҷои корӣ;
- ғайриоқилона ва/ё ба манфиатҳои худ истифода бурдани амвол ва маблағҳои Ҷамъият.

12.2.8. Шартномаи меҳнатиро бо Директори генералии Ҷамъият аз номи Ҷамъият раиси Шӯрои нозирони Ҷамъият ё шахси дигари ваколатдорнамудаи Шӯрои нозирони Ҷамъият имзо мекунад.

## 13. КУМИТАИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ИСЛОМӢ

13.1. Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ мақоми дастаҷамъӣ ва мустақил буда, бо мақсади таъмини мутобиқати фаъолияти Равзанаи бонкии

исломии Ҷамъият (минбаъд – Филиал) ба стандартҳои фаъолияти бонкии исломӣ мебошад.

13.2. Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ бо қарори Шӯрои Нозирони Ҷамъият таъсис дода мешавад. Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ наметавонад аз 3 (се) нафар аъзо камтар иборат бошад. Аъзоёни Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ ба муҳлати 2 (ду) сол таъин карда мешаванд. Аъзои Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ метавонанд дар давраҳои минбаъда аз нав таъин карда шаванд. Аъзои Шӯрои Нозирон, роҳбари Ҷамъият ва аъзои Раёсати Ҷамъият наметавонад узви Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ бошанд. Аъзои Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ танҳо шахси воқеӣ шуда метавонад. Аъзои Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ ҳуқуқ дорад дар бораи аз ҳайати Кумита баромадан дар муддати на дертар аз як моҳ ба Шӯрои нозирон бо ариза муроҷиат намояд. Ваколатҳои аъзои Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ инчунин дар ҳолати имконнопазирии ҷисмонии иҷроиши уҳдадориҳои худ (марг, эътирофи номаълум ғоиббуда, эълони вафотшуда, донистани ношоям) пеш аз муҳлат қатъ карда мешавад.

13.3. Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- муайян кардани санадҳои дохилии Филиалро ҷиҳати мутобиқат ба принсипҳои маблағгузории исломӣ;
- тасдиқи ҳамаи маҳсулотҳои бонкии дар Филиал истифодашаванда;
- иштирок дар муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти Филиал;
- муайян намудани механизми муносибро барои назорати амалиётҳои ҷории Филиал, ҷиҳати мутобиқ будани он аз нигоҳи принсипҳои маблағгузории исломӣ;
- таъмини ифшои маълумот оид ба мутобиқати амалиётҳои Филиал ба талаботи принсипҳои маблағгузории исломӣ ҳангоми иҷрои ваколатҳои худ, дар ҳисоботи солонаи молиявӣ;
- ҳал кардани тамоми ҳолатҳои риоя нагардидани принсипҳои маблағгузории исломӣ пас аз ошкор шудан, баъдан огоҳ кардани Шӯрои Нозирон оид ба он;
- баррасии маълумот оид ба номутобиқатии ягон аҳд (маҳсулот) ё амалиёт ба принсипҳои маблағгузории исломӣ, ки аз ҷониби аудити дохилӣ ё нозири мувофиқа (комплаенс) ошкор ва пешниҳод мегардад;
- доир ба номутобиқатии ягон аҳд (маҳсулот) ё амалиёт ба принсипҳои маблағгузории исломӣ ба Шӯрои Нозирон барои ислоҳ намудани он тавсия медиҳад ва дар сурати ислоҳнопазир будани он манъ намудани чунин аҳд (маҳсулот) ё амалиётро пешниҳод менамояд ё андешидани чораҳои ислоҳӣ ё рафъи ҳолати баамаломадаро ба Филиал маслиҳат медиҳад;
- хабар кардани Бонки миллии Тоҷикистон агар ҳолатҳои риоя накардани талаботи принсипҳои маблағгузории исломӣ ба таври зарурӣ ва самарабахш баррасӣ нагарданд, ё ягон чораи ислоҳ намудани онҳо аз тарафи Ҷамъият андешида нашавад;

- додани машварат доир ба санадҳои меъёрии дохилии Ҷамъият вобаста ба масъалаҳои принсипҳои маблағгузории исломӣ, ки аз ҷониби Шӯрои Нозирон тасдиқ карда мешаванд;
- додани машварат ба кормандон ва тарафҳои алоқаманди Ҷамъият доир ба принсипҳои маблағгузории исломӣ.
- дигар ваколатҳое, ки Шӯрои нозирон ба зиммаи он вогузор менамояд.

13.4. Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ ҳуқуқ дорад аз роҳбарияти Филиал маълумоти заруриро барои иҷрои ваколатҳои худ талаб намояд. Роҳбарияти Филиал оид ба пешниҳоди маълумоти нодуруст масъул мебошад. Агар маълумоти дархостшуда ба Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ пешниҳод нагардад, он гоҳ Кумитаи мазкур ба Шӯрои Нозирон барои андешидани чораҳои дахлдор муроҷиат менамояд;

## 14. БАҲИСОБГИРӢ ВА ҲИСОБОТДИҲӢ НИГОҲДОРИИ ҲУҶҶАТҲОИ ҶАМЪИЯТ

14.1. Ҷамъият баҳисобгирии натиҷаҳои кор, баҳисобгирии амалиётӣ, муҳосибавӣ ва омориро амалӣ менамояд. Баҳисобгирии муҳосибавӣ дар Ҷамъият мувофиқи қоидаҳое, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд, ба амал бароварда мешавад. Ҷамъият ҳисоботҳои оморӣ ва дигар ҳисоботҳоро мувофиқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикиситон мебарад.

14.2. Соли молиявии Ҷамъият аз 1-уми январ сар шуда 31-уми декабр ба итмом мерасад.

14.3. Ҷамъият уҳдадор мебошад, ки ҳуҷҷатҳоро мувофиқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳалли ҷойгиршавии мақоми иҷроияи яккасардории он нигоҳ дорад.

14.4. Нигоҳдории ҳуҷҷатҳои Ҷамъият мувофиқи тартиби бо моддаи 89 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" пешбинигардида, амалӣ мегардад.

## 15. СУДИ САҲМИЯҲО

15.1. Фоидаи Ҷамъият аз даромадҳои фаъолияти Ҷамъият баъд аз ҷуброни хароҷотҳои моддӣ ва хароҷотҳои ба он баробаркардашуда, хароҷотҳои пардохти музди меҳнати ҳайати кормандон, пардохти фоизҳо барои кредит ва пардохтҳои хатмӣ ташкил карда мешавад.

15.2. Агар аз тарафи Маҷлиси умумии саҳмдорони Ҷамъият қарори дигар қабул карда нашавад, як қисми фоидаи Ҷамъият, ки баъд аз супоридани андозҳо дар буҷа боқӣ мемонад (фоидаи холис), ба Саҳмдорони Ҷамъият дода мешавад.

15.3. Хароҷотҳое, ки дар рафти фаъолияти Ҷамъият метавонанд ба вуҷуд оянд, аз ҳисоби фоидаи соф ва агар дар ҳолати норасоӣ аз ҳисоби фондҳои захиравӣ ва дигар фондҳо рӯйпӯш карда мешаванд.

## 16. ФОНДҲОИ ҶАМЪИЯТ

16.1. Дар Ҷамъият фонди захиравӣ таъсис дода мешавад.

16.2. Фонди захиравии Ҷамъият, ҳангоми мавҷуд набудани дигар маблағҳо, барои пӯшонидани зарари он, инчунин барои пардохтани арзиши вомбаргҳои Ҷамъият ва аз нав харидани саҳмияҳои Ҷамъият пешбинӣ гардидааст.

16.3. Фонди захиравии Чамъият бо роҳи маблағгузаронии ҳатмии ҳарсола ташаккул меёбад.

16.4. Ҳадди ниҳоии фонди захиравии Ҷамъият, ҳаҷм ва сарчашмаи сармояи ҳарсола аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорони Ҷамъият муқаррар мегардад.

16.5. Қарор оид ба истифодабарии воситаҳои фонди захиравии Ҷамъият аз ҷониби Шӯрои нозирон дар мавриди тасдиқи пешакии ҳисоботи солона қабул карда мешавад.

16.6. Дар доираи фаъолияти худ Ҷамъият ҳуқуқ дорад дигар фондҳо тибқи ҳаҷм ва тартиби пешбининамудаи Оинномаи Ҷамъият ва қонунгузорӣ таъсис диҳад.

## 17. НАЗОРАТ АЗ БОЛОИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИДОРИИ ҶАМЪИЯТ

17.1. Назорат аз болои фаъолияти молиявию хоҷагии Ҷамъиятро Комиссияи тафтишотӣ ё аудиторе, ки Маҷлиси умумии саҳмдорони Ҷамъият интихоб намудааст, ба амал мебарорад.

17.2. <u>Аудитори Ҷамъият.</u> Ҷамъият барои гузаронидани санҷиш ва тасдиқи фаъолияти молиявию хоҷагидории он ҳарсола ташкилоти аудиториро аз рӯйхати ташкилотҳои аудиторие, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда мешаванд ва чоп мегарданд, мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои қарзии хурд" ҷалб менамояд.

17.2.1. Тартиби гузаронидани санҷиши аудиторӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шуда, гузаронида мешавад.

17.2.2. Аудитор набояд бо манфиатҳои амволи бо Ҷамъият, шахси иҷрокунандаи вазифаи Директори генералӣ, аъзои Шӯрои нозирон ва Саҳмдорони Ҷамъият алоқаманд бошад.

17.3. <u>Комиссия тафтишотии (ревизори) Ҷамъият.</u> Ҳайати аъзоёни Комиссияи тафтишотӣ (ревизор), тартиби баамалбарории ваколатҳои он тибқи ҳуҷҷатҳои дохилии Ҷамъият, ки бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорони Ҷамъият тасдиқ шудааст, муқаррар карда мешавад.

17.3.1. Шумораи аъзоёни Комиссияи тафтишотӣ 3 (се) нафарро ташкил медиҳад. Комиссияи тафтишотӣ ба муҳлати то Маҷлиси умумии солонаи оянадаи саҳмдорон интихоб карда мешаванд. Шахсони дар Комиссияи тафтишотӣ интихобшуда, метавонанд дар ҳайати он ба маротибаи номаҳдуд аз нав интихоб карда шаванд.

17.3.2. Аъзои Комиссияи тафтишотӣ (Ревизор) наметавонанд ҳамзамон аъзои Шӯрои нозирони Ҷамъият бошанд, инчунин дар мақомоти идораи ҷамъияти мансабҳои дигарро ишғол намоянд.

17.3.3. Комиссияи тафтишотии (Ревизор) Ҷамъият ҳуқуқ дорад ҳар вақт фаъолияти молиявии Ҷамъиятро тафтиш кунад ва ба ҳамаи ҳуҷҷатҳои вобаста ба фаъолияти Ҷамъият дастрасӣ дошта бошад. Бо талаби Комиссияи тафтишотии (ревизор) Ҷамъият шахсе, ки вазифаи мақомоти яккасардории иҷроияи

Ҷамъиятро иҷро менамояд, инчунин кормандони Ҷамъият уҳдадоранд дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ тавзеҳоти зарурӣ диҳанд.

17.3.4. Комиссияи тафтишотӣ (Ревизор) ҳуқуқ дорад ба кори худ экспертҳо ва машваратчиёне, ки кори онҳо аз ҳисоби Ҷамъият пардохт карда мешавад, ҷалб намояд.

17.3.5. Комиссияи тафтишотии Ҷамъият бо тартиби хатми тафтиши ҳисоботи солона ва балансҳои муҳосибавиро то тасдиқи онҳо аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорони Ҷамъият мегузаронад. Маҷлиси умумии саҳмдорони Ҷамъият ҳуқуқ надорад ҳисоботи солона ва балансҳои муҳосибавии Ҷамъиятро дар сурати набудани хулосаи Комиссияи тафтишотии Ҷамъият тасдиқ кунад.

17.3.6. Ваколати Комиссияи тафтишотӣ (Ревизор) ва тартиби фаъолияти ӯро ҳамин Оиннома ва Низомнома дар бораи Комиссияи тафтишотӣ (Ревизор), ки бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорони Ҷамъият тасдиқ шудааст, муайян менамоянд.

## 18. АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ҶАМЪИЯТ

18.1. Ҷамъият метавонад бо ихтиёри худ тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ташкил карда шавад.

18.2. Азнавташкилдиҳии Ҷамъият метавонад дар шакли муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ ва табдилдиҳӣ сурат гирад.

18.3. Азнавташкилдиҳии Ҷамъият баъди гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

18.4. Мавриди азнавташкилдиҳии Ҷамъият ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ мувофиқи тартиби пешбиникардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ворисони ҳуқуқии ӯ мегузаранд.

18.5. Барҳамдиҳии Ҷамъият тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" амалӣ мегардад.

18.6. Ҷамъият аз лаҳзаи дар Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ аз ҷониби мақоми бақайдгирии давлатӣ ворид намудани сабти дахлдор барҳамхурда ҳисобида меравад.

18.7. Амволи Ҷамъият, ки баъди ҳисобу китоби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ боқӣ мемонад, ба Саҳмдорони Ҷамъият дода мешавад.

## 19. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

19.1. Ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Оинномаи мазкур ба ваколати истисноӣ Маҷлиси умумии саҳмдорони Ҷамъият дохил мешавад.

19.2. Ҳамагуна дигар масъалаҳое, ки Оинномаи мазкур танзим намекунад, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд. Ҳангоми тағйироту иловаҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба муқарраротҳои алоҳидаи Оинномаи мазкур мувофиқат намекунад, то ворид намудани тағйироти дахлдор ба Оинномаи мазкур, меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи
Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо"
Ҳамаги рақамгузорӣ, ресмонбандӣ ва
мӯҳргузори
карда шудааст дар ҳаҷми 25 саҳифа
аз "30" октябри соли 2023
Директори генералӣ __________ Маъруфов Ф.М.

19.3. Оинномаи мазкур муқаррарот ва тартиботи дар Шартномаи саҳмдороне, ки аз "1" марти соли 2022 аз ҷониби Саҳмдорони Ҷамъият ба имзо расидааст пешбинӣ шудаанд, ба андозаи мувофиқати чунин муқаррарот ва тартибот ба меъёрҳои ҳатмии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бар мегирад.

19.4. Оинномаи мазкур бо забонҳои давлатӣ (тоҷикӣ), русӣ ва англисӣ, ки эътибори ҳуқуқии баробар доранд, тартиб дода шудааст. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани мухолифат ҷиҳати тафсири Оинномаи мазкур, матни Оинннома бо забони давлатӣ (тоҷикӣ) бартарӣ дорад.

19.5. Агар ягон муқаррароти Оинномаи мазкур беэътибор дониста шавад, он ба эътиборнокии муқаррароти дигари Оиннома дахолат намекунад.